Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ,1/2)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) пешниҳод шудааст**

Дар замони муосир яке аз масъалае, ки бояд ҳалли худро ёбад, ин баланд шудани накш ва аҳамияти хизматрасониҳои гумрукӣ ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Роҳҳои ҳалли он бо назардошти қонеъ гардонидани талаботи иштирокчиёни бозор, такмили механизми танзими тарифию гумрукӣ, такмил додани стратегияи рушд ва ворид намудани тағйиротҳоро ба барномаҳои рушди стратегӣ то соли 2030 дар Тоҷикистон тақозо менамояд.

Аз тарафи дигар ин раванд истифодаи механизми ҳамоҳангшуда байни иштирокчиёни савдои байналмилалӣ вобаста буда, коркарди механизми муккаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукиро дар назар дорад. Таҳқиқҳо гувоҳӣ онанд, ки ба хизматрасониҳои гумрукӣ омилҳои хело зиёд таъсир расонида, пеш аз ҳама аз вазъи буҷети давлатӣ, рушди минтақаҳо ва муносибатҳои байналмилалӣ вобаста мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар ин раванд ташаккули консепсияи таъмини рушди хизматрасониҳои гумрукӣ, ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ, дуруст интихоб ва истифода намудани низомҳои гумрукӣ дар миқёси кишвар ва ноҳияю вилоятҳои он амалӣ карда мешавад. Бо назардошти ин мубрамияти мавзӯи рисолаи Ғаюрова Р.С. беназир аст.

Дар рисола ба масъалаи омӯзиши моҳият ва нақши бозори

хизматрасониҳои гумрукӣ дар иқтисодиёти миллӣ, таҳқиқи низомҳои гумрукию хусусияти истифодабарии онҳо дар шароити муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ ҷойи асосӣ ҷудо карда шудааст.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки дар рисола баррасии асосҳои консептуалии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ ва гузаронидани таҳлили хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд гузаронида шуда, масоилҳои мавҷуда муайян карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон гузаронида шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд.

Аз автореферат дида мешавад, ки дар диссертатсия коркарди амсилаҳои иқтисодию риёзии истифодаи низомҳо дар мақомоти гумрук дар асоси истифодаи барномаҳои компютерӣ ба сомон расонида шудааст. Инчунин дар рисола самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бояд қайд намоем, ки новобаста ба бартариятҳо автореферат дорои норасоиҳо низ мебошад. Аз ҷумла дар он масъалаи таҳким ва рушди инфраструктураи гумрукӣ бо мақсади истифодаи низомҳои гумрукӣ мавриди натиҷагирии пурра қарор нагирифтааст.

Инчунин бартарияти созмон додан ва ҷорӣ намудани гумруки рақамӣ дар раванди интихобу амалисозии низомҳои гумрукӣ баҳо дода нашудааст.

Эродҳои гирифташуда, мазмун ва баҳои воқеии рисоларо тағйир намедиҳанду характери тавсиявӣ доранд.

Бо назардошти ин мо дар он ақидаем, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», рисолаи илмии анҷомёфта буда, дорои аҳамияти илмию амалӣ буда ба пуррагӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Ғаюрова Р.С. ба дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.05-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) сазовор аст.

**Муқарриз**
**Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Мудири кафедраи хадамоти гумруки**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,** **Мирзозода Фарҳод**

**Имзои дотсент Мирзозода Ф.-ро тасдиқ**
**менамоям. Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпочоев И.Ҳ.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,**
**ш. Хуҷанд;17 мкр-н., хонаи 1**
**Email: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru**
**Тел:+992(3422)2-38-11, Факс:+992(3422)2-51-70**

**“_____” ________ 2024**